«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
________ Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
“_15_” ___03______2024

# ТАҚРИЗИ

**муассиссаи пешбар – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – ба диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи “Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

## 1. Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот

Омӯзиши таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ имкон медиҳад, ки ба муҳимтарин пурсишҳои илмӣ, аз қабили вақти оғози раванди таҳқиқи ёдгориҳои археологии минтақа, кашф ва ҳафри бошишгоҳҳо, қӯргонҳо, кӯшку димнаҳо, конҳо ва корезҳои Истаравшан, мулки Хуҷанд, Илоқ ва Фарғонаи Ғарбӣ, давраҳои омӯзиши мероси таърихию фарҳангии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва ғайра посух дод. Натиҷаи таҳқиқи 60-солаи археологияи Тоҷикистони Шимолӣ сарчашмаи асосӣ барои тартибидиҳии харитаи бостоншиносии ин минтақаи ҷумҳурӣ мебошад.

Инъикоси раванди омӯзиши ёдгориҳои археологии даврони шӯравӣ яке аз масъалаҳои кам таҳқиқшуда дар таърихнигории ватанӣ маҳсуб ёфта, мавзӯи мазкур ҳанӯз мавриди омӯзиш ва таҳқиқу пажӯҳиши алоҳида қарор нагирифтааст.

Мубрамияти диссертатсияро, инчунин он муайян менамояд, ки то имруз бештари ёдгориҳои бостоншиносии кишвар, аз ҷумла Тоҷикистони шимолӣ, хуб ҳифз нашуда, дар ҳоли нестшавӣ қарор доранд ва дар асоси таҳқиқоти мазкур метавон насли ояндаро ба ҳимояи ёлгориҳои таърихии кишвар, ҳамчун як рукни муқааасоти миллӣ, ҳидоят намуд.

**2. Мутобиқати мӯҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда**

Тадқиқоти диссертатсионии «Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» аз рӯи мазмуну муҳтавояш бо Шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи Ватании Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: самти таҳқиқот – банди 4. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, маориф ва илм мувофиқат мекунад.

**3. Навгонии илмӣ, натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Навгонии илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал масъалаи таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989 ба таври комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дараҷаи омӯзиши ёдгориҳои археологии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ муайян гардидааст. Диссертант бо ҷамъоварии маълумоти парокандаву нопурра аз сарчашмаҳои гуногун (хаттӣ, археологӣ, бойгонӣ ва монанди ин) марҳалаҳои таърихи археологии Тоҷикистони Шимолиро аз нав барқарор карда, натиҷаҳои кори гурӯҳу экспедитсияҳои археологиро дар минтақа мавриди омӯзиш қарор дода ва ба фаъолияту бозьёфтҳои илмии бостоншиносони ҳирфаӣ ва, умуман, археологияи тоҷик дар давраи шуравӣ баҳо додааст. Дар рафти таҳқиқ муаллифи рисола ба натиҷаҳои тадқиқи археологӣ ва кофтуковҳо дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва усулҳои кори дастаҷамъонаи археологӣ баҳои зарурӣ додааст.

**4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти назаравии кори диссертатсионӣ дар коркарди муқаррароти илмӣ доир ба муайян намудани заминаҳои инкишофи археология ҳамчун самти нави илмӣ дар Тоҷикистон, муайян кардани пайдоиш ва самти мушаххаси тадқиқоти археологӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди ҳозира), таҳлили асосии мақсад, вазифа ва натичаҳои тадқиқоти археологии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон;

муайян намудани заминаҳои инкишофи археология ҳамчун самти нави илмӣ дар Тоҷикистон, муайян кардани пайдоиш ва самти мушаххаси тадкиқоти археологӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди ҳозира), таҳлили асосии мақсад, вазифа ва натиҷаҳои тадкиқоти археологии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон зоҳир мешавад.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки хулосаҳои илмии ба даст омада ва тавсияҳои пешниҳод гардидда ба баланд бардоштани сатҳи таҳқиқи таърихи бостоншиносии тоҷик мусоидат менамояд ва дар муассисаҳои маориф ва илм мавриди истифода қарор гирифта метавонад. Муқаррароти илмии кори диссертатсиониро дар ҷараёни таълими фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи бостоншиносии тоҷик”, “Асосҳои археология”, “Археологияи саҳроӣ”, “Назарияи бостоншиносӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад.

**5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои рисола дар таҳқиқи илмии манбаъҳо, асосан ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботи мавсимии экспедитсияҳо ва роҳбарони дастаҳои бостоншиносӣ, рӯзномаҳои корӣ ва мақолаҳои чоппии бостоншиносон-ҳаффорони ёдгориҳои археологӣ ва адабиёти илмӣ доир ба таҳқиқоти саҳроӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи зинаҳои фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносии Тоҷикистон дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон арзёби мегардад. Дар диссертатсия дар асоси таҳлили ҳисоботи мавсимии экспедитсия ва дастаҳои бостоншиносӣ, маводи саҳроӣ, осори бостоншиносон, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ даврабандии таърихии омӯзиши бостоншиии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1929-1989 муайян карда мешавад. Таҳқиқот аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, оморӣ, ҳисоботи мавсимии экспедитсияҳо ва роҳбарони дастаҳои

бостоншиносӣ, адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои шабакаи глобалии Интернет асос мегирад.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобик ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот сохтори рисола дар асоси принсипи хронологӣ сурат гирифтааст. Кор аз мукаддима, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 208 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шудааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркард, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, услуб ва усули коркарди мавзӯъ мушаххас гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он нишон дода шуда, манобеъ ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия – "**Корҳои бостоншиномии солҳои 1929-1941 дар Тоҷикистони Шимолӣ**" аз се зербоб иборат буда дар он давраи ибтидоии ташаккули археология ва омӯзиши ёдгориҳои археологӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ аз рӯзи ташкили РСС Тоҷикистон ва пайдоиши аввалин муассисаҳои илм то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст (сах.21-55).

Зербоби аввал – "**Аз таърихи ташаккули аввалин марказҳои илмии шӯравӣ оид ба омӯзиши мероси фарҳангии тоҷикон**" ном дорад. Дар ин зербоб муҳити илмӣ ва оғози омӯзиши илмии кишвар ба таври возеҳ инъикос гардидаанд. Баробари пойдор гардидани ҳокимияти шӯравӣ, ташкилёбии ҶАШС Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX муассисаҳои аввалини илмӣ ва марказҳо (Донишгоҳи Шарқ, ДДОМ, Туркомстарис, Средазстарис) ташкил гардид, ки масъулияти тадқиқот аз ҳисобот, омӯзиш ва меъёрҳо оид ба ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ иборат буд. "Ҷамъият барои омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии

Тоҷикистон ва халқҳои эронии берун аз марзи он (солҳои 1925-1929-ум)" низ ба ин раванд ҷалб шуда буд (саҳ.23-24). Вале аз норасоии мутахассисон ва кам будани коркунони ин муассисаҳо (А. А. Семёнов, М. С. Андреев ва ғайра) имкон даст надод, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистони Шимолӣ кофтуковҳои археологӣ анҷом дода шавад. Дар айни замон тадқиқоти геологӣ бо қайд кардани конҳои кадим ва қабрҳо сурат гирифта, ҷамъоварии коллексияи бозёфтҳои археологӣ оғоз ёфт (М. Е. Массон).

Дар зербоби дуюми боби аввал – "**Таҳқиқотҳои бостоншиносии Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ**" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия баён гардидааст, ки дар солҳои 1931-1939 Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар ҳудуди шаҳру навоҳии Хуҷанд, Нов (ҳозира Спитамен), Пролетар (ҳозира Ҷаббор Расулов), Исфара, кӯҳҳои Муғул ва Қурама кори омӯзишӣ ба роҳ монда, бо ҳамин барои таҳқиқи ёдгориҳо ва осорхонаҳо, ҷамъ кардани мавод барои харитаи археологии Тоҷикистони Шимолӣ саҳми арзанда гузошт.

Дар зербоби сеюм фаъолияти кишваршинос-бостоншинос В.Р.Чейлитко оид ба муайян кардан ва омӯхтани ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ тахлил гардадааст (саҳ.45). Дар хулосаи боби якум диссертант ба се марҳилаи таҳқиқи бостоншиносии навоҳии шимоли Тоҷикистонро мавриди тадқиқ қарор додааст(саҳ.54-55).

Боби дуюми диссертатсия "**Таҳқиқоти дастаҳои экспедитсияи бостоншиносии тоҷик дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1946-1973**" аз се зербоб таркиб ёфтааст (саҳ.56-108).

Дар зербоби якуми боби дуюм – "**Оғози омӯзиши муназзами ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ**" натоиҷи Экспедитсияи Фарҳод бо роҳбарии В.Ф.Гайдукевич ва дастаи Истаравшан бо роҳбарии О.И.Смирнова таҳқиқ гардидаанд.

Дар солҳои 50-уми асри XX корҳои бузурги ковиш ва ҳафриёт оғоз ёфт, ки таҳлил ва хронологияи он дар фасли дуюми боби 2-юм — «**Ҳафриёти Экспедитсияи бостоншиносии тоҷик дар Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1951-1960**» оварда шудааст. Натиҷаҳои тадқиқи археологии Тоҷикистони Шимолӣ хеле муассир буданд: археологҳо аз қайдҳои одӣ ва кофтуковҳои хурди ҷустуҷӯии солҳои 50-ум ба кофтукови пурраи ёдгориҳо, аз тадқиқи хурди стратиграфӣ ба кофтукови калон ва майдонҳои васеъ гузаштанд, ки натиҷаҳои онҳо дар фасли севум ***«Таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар солҳои 1961-1973»*** инъикос гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия “**Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ ва тадқиқоти бостоншиносии ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1974-1989)**” унвон дорад ва дар навбати худ ба 3 зербоб тақсим шудааст (саҳ 109-172).

Дар зербоби аввал – “**Таъсиси Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ ва самтҳои асосии таҳқиқот дар Тоҷикистони Шимолӣ**” қайд гардидааст, ки ташкил шудани экспедитсияи махсус имкон дод, ки шумораи гурӯҳҳо зиёд, доираи географии омӯзиши археологӣ васеъ гардиду тадқиқот устувор шуд. Масъалаи пешбари ин давра давом додани тадқиқоти оғозёфта, аз қабили Хуҷанд, Қалъаи Қаҳқаҳа, Хонлайлов, Тӯдаи Калон, Тӯдаи Хурд, Муғтеппа буда, баробари ин ёдгориҳои нав — Дӯнгчатеппа, Ширин, Куркат, Тиркаштеппа кашф гардиданд. Корҳо дар панҷ самти асосӣ амалӣ шуданд: омӯзиши асри санг, биринҷӣ, оҳани ибтидоӣ, антиқа ва асримиёнагӣ ба роҳ монда шуданд.

Зербоби дуюм “**Тадқиқоти саҳроӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар нимаи якуми солҳои 80-ӯм**” ном дорад. Дар зербоби мазкур омӯзиши археология бо муваффақиятҳои нав дар ҳамаи ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ инъикос ёфта, махсусан ҳафриёти димнаи Нуртеппаро қайд гардидааст. Маводи стратиграфӣ нишон дод, ки шаҳраки қадимаи

Хватак (Нуртеппа) дар охири асри биринчӣ ба вуҷуд омада, дар тӯли таърихи 500 сол вуҷуд доштааст. Дар асоси маводи Нуртеппа масъалаи марҳалаи ибтидоии шаҳришави (урбанизатсия)-и Истаравшан ва тамоми Осиёи Миёна ба миён гузошта шуд.

Зербоби сеюми боби 3 (“**Комёбиҳои Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ дар омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ дар солҳои 80-ӯми асри XX**”) ба таҳлили фаъолияти дастаҳои археологӣ дар давраи ниҳоии шуравӣ бахшида шудааст. Омӯзиши қабатҳои нави фарҳанги Александрияи Эсхата (Искандарияи Ақсо) дар Хуҷанд; ифтитоҳи ёдгории инкишофёфтаи таърихиву фарҳангии вилояти Истаравшан бо маркази он - димнаи Бунҷикат (меъморӣ, нақшу нигори рӯи девор, кандакории рӯи чӯб); омӯзиши димнаи антиқаи Ширин ва иншоотҳои нодири қабристонҳо – дахмакҳои Куркат; омӯзиши стратиграфияи димнаи Муғтеппа; муайян кардани хусусиятҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони кӯшкҳои Суғд, Истаравшан, Илоқ; ифтитоҳи маҷмааи нақшҳои рӯйи санги (петроглифҳо)-и ноҳияи Ашт. Бо ҷалби доираи васеи сарчашмаҳо (археология, этнография, забоншиносӣ, фолклор) масъалаҳои умумияти таърих ва фарҳанги этникии Тоҷикистони Шимолӣ дар давраҳои қадим ва асримиёнагӣ ҳал карда мешаванд.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд(саҳ.172-175).

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ, бо истифодаи ақидаҳои маъмули пазируфтаи илми бостоншиносӣ мувофиқ мебошанд (саҳ.176-178). Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳо ва хулосаҳое, ки дар раванди омӯзиши таърихи давраи шӯравии минтақа истифода мешаванд, ҳислати навгонӣ доранд.

Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба диссертатсияи худ 13 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо, норасоӣ ба назар мерасанд, ки намоёнтаринашон инҳо мебошанд:

1. Муаллиф доираи ҳудуди хронологии рисоларо аз соли 1929 оғоз намуда, бинобар вазъи муташанничи ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX то соли 1989 маҳдуд намудааст, ҳол он ки дар қисмати ороми кишвар – Тоҷикистони шимолӣ таҳқиқоти бостоншиносӣ давом дошт, аз ин рӯ ҳудуди ниҳоиро то соли 1991, яъне то касби истиқлолияти давлатӣ баррасӣ кардан мумкин буд.

2. Ба андешаи мо хизматҳои шоистаи бостоншиносони маъруф Нӯъмон Неъматов, Ӯктам Пӯлотов ва Абдулло Мирбобоев дар таҳқиқоти мазкур пурра нишон дода нашудааст, ҳамзамон дар рисола мебоист ному насаби онҳо якхела пешниҳод карда мешуд.

3. Рисолаи мазкур ба андешаи мо ба таҳрири илмӣ ниёз дорад.

4. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ низ ба чашм мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда арзиши илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо зуд ислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи “**Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)**” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Хайруллозода Кароматулло – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи

давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон санаи 04 марти соли 2024 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 14; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи кафедра № 8 аз 04 марти соли 2024.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Ташхисгар:**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ** **Дустов Д.К.**

**Котиби ҷаласа:** **Дӯсматова М.Т.**

**Имзоҳои доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М., номзади илмҳои таърих, дотсент Дустов Д.К. ва коргузори кафедра Дӯсматова М.Т., - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпочоев И.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735718, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил.Суғд, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, хонаи1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .